# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 24 августи соли 2024, №52.

Барои сазовор донистани Давлатзода Комрон Давлат, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Давлатзода Комрон Давлатро дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар таърихи 16 марти соли 2024, суратмаҷлиси №47 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Давлатзода Комрон Давлат 1 ноябри соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2011 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дохил шуда, соли 2016 Донишгоҳи мазкурро бо дипломи аълочӣ хатм кардааст. Баъди хатми донишгоҳ аз соли 2016 то соли 2018 ба ҳайси ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда, соли 2019 дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон рисолаи номзадиашро дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии мубориза бар зидди тамаъҷӯӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бомуваффақият ҳимоя намудааст.

Солҳои 2019-2020 ба сифати муовини декан оид ба корҳои тарбиявии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ҳамзамон дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи милии Тоҷикистон, солҳои 2020-2023 ёрдамчии муовини аввал, муовини ректори Донишгоҳи милии Тоҷикистон оид ба таълим, аз соли 2024 то 12 августи соли 2024 мушовир-ҳуқуқшиноси шуъбаи ҳуқуқи Донишгоҳи милии Тоҷикистон ва аз 13 августи соли 2024 то ҳол иҷрокунандаи мансаби сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе ба шумор меравад.

Диссертатсия дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Мушовири илмӣ:**

**Назаров Аваз Қувватович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия;

**Салаев Нодирбек Сапарбаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқии Тошкенти Ҷумҳурии Узбекистон;

**Азимзода Назир Бозор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, котиби шурои олимони Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия Абдурашидзода А.А. ва котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия Аҳёзода Ш.Т. имзо ва аз ҷониби сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Насуриён П.А. санаи 20 майи соли 2024 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 31 асари илмӣ, аз ҷумла 2 монография, 20 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 мақола дар нашрияҳои дигар ва 1 воситаи таълимӣ ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Раджабов, К.Д. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с вымогательством [Текст]: монография / К.Д. Раджабов. – Душанбе: «Лахути», 2020. – 156 с. (9,75 п.л.); ISBN 978-99975-358-7-0.

2. Давлатзода, К.Д. Таҳдидҳои фазои маҷозӣ: амалия ва назарияи киберҷиноятҳо [Матн]: монография / К.Д. Давлатзода. – Душанбе: «Матбааи ДОНИШГОҲИ МИЛИИ ТОҶИКИСТОН», 2023. – 248 с. (15,5 ҷ.ч.); ISBN 978-99985-41-01-6.

3. Раджабов, К.Д. Развитие понятия вымогательства в уголовном праве [Текст] / К.Д. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/7. – С. 237-241; ISSN 2413-5151.

4. Раджабов, К.Д. Объективная сторона вымогательства [Текст] / К.Д. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – №2. – С. 210-214; ISSN 2413-5151.

5. Давлатзода, К.Д. Масоили таърихӣ ва назариявии ташаккули ҷиноятҳои компютерӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №4 (44). – С. 92-95; ISSN 2410-2903.

6. Давлатзода, К.Д., Назаров, А.Қ. Таҳлили муқоисавии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти мубориза бар зидди ҷиноятҳои компютерӣ дар кишварҳои аъзои ИДМ ва дигар давлатҳои хориҷӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода, А.Қ. Назаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №3. – С. 229-236; ISSN 2413-5151.

7. Давлатзода, К.Д., Назаров, А.Қ. Истифодаи технологияи рақамӣ дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода, А.Қ. Назаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №4. – С. 207-212; ISSN 2413-5151.

8. Давлатзода, К.Д. Проблемаҳои ҳуқуқии-ҷиноятии мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №1 (25). – С. 179-187; ISSN 2414 9217.

9. Давлатзода, К.Д. Ҷаҳонишавии проблемаҳои киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №9. – С. 231-237; ISSN 2413-5151.

10. Давлатзода, К.Д. Таснифоти киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №8. – С. 279-284; ISSN 2413-5151.

11. Давлатзода, К.Д. Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Қонунгузорӣ. – 2022. – №2 (46). – С. 117-122; ISSN 2410-2903.

12. Давлатзода, К.Д. Таҳқиқоти ҳуқуқии ҷиноятии мафҳуми киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №3 (27). – С. 428-434; ISSN 2414 9217.

13. Давлатзода, К.Д. Таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии пайдоиш ва содиршавии киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара. – 2022. – №4 (22). – С. 138-144; ISSN 2410-4221.

14. Давлатзода, К.Д. Кибертерроризм ҳамчун намуди нави амали террористӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №1. – С. 207-213; ISSN 2413-5151.

15. Давлатзода, К.Д. Аҳаммияти санадҳои байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №2. – С. 221-229; ISSN 2413-5151.

16. Давлатзода, К.Д. Ҳамкориҳои минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо киберҷиноятҳо: дар мисоли Созмони ҳамкории Шанхай ва Созмони паймони амнияти дастаҷамъӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №6. – С. 232-237; ISSN 2413-5151.

17. Давлатзода, К.Д. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии савдои одамон дар фазои киберӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №8. – С. 228-234; ISSN 2413-5151.

18. Давлатзода, К.Д. Порнографияи кӯдакон дар Интернет: мафҳум, оқибат ва масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятии мубориза бар зидди он [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №9. – С. 244-249; ISSN 2413-5151.

19. Давлатзода, К.Д. Тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ: мафҳум ва хусусиятҳои он [Матн] / К.Д. Давлатзода // Қонунгузорӣ. – 2023. – №3 (51). – С. 144-150; ISSN 2410-2903.

20. Давлатзода, К.Д. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Мардумии Чин: таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – №3 (59). – С. 31-36; ISSN 2412-141X.

21. Давлатзода, К.Д. Нишонаҳои тарафи субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо ҳамчун намуди нави киберҷиноятҳо (барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DoS) [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №10. – С. 233-240; ISSN 2413-5151.

22. Давлатзода, К.Д. Тавсифи криминологии шахсияти киберҷинояткор [Матн] / К.Д. Давлатзода // Қонунгузорӣ. – 2023. – №4 (51). – С. 211-217; ISSN 2410-2903.

23. Давлатзода, К.Д., Назаров, А.Қ. Нақши тафаккури сунъӣ дар раванди амалишавии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода, А.Қ. Назаров // Криминалистикаи муосир: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ // Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 111-117.

24. Давлатзода, К.Д., Назаров, А.Қ. Ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамчун субъектони муқовимат бо киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода, А.Қ. Назаров // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 143-148.

25. Давлатзода, К.Д. Барномаҳои зараровар ҳамчун воситаи содиршавии киберҷиноятҳо: мафҳум ва намудҳои он [Матн] / К.Д. Давлатзода // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию-амалӣ дар мавзуи «Мушкилотҳои қонунгузории замин дар даврони муосир». – Душанбе, 2023. – С. 235-238.

26. Давлатзода, К.Д. Таҳдидҳои киберӣ: қаллобӣ дар фазои маҷозӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Тоҷикон дар оинаи таърих», бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров (Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Михаил Ломоносов дар шаҳри Душанбе). – Душанбе, 2023. – С. 61-64.

27. Давлатзода, К.Д. Ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Илм ва таҳсилот: тамоюлҳои рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ» бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи милии Тоҷикистон». – Душанбе, 2023. – С. 405-409.

28. Давлатзода, К.Д. Хакер: тавсифи криминологии он [Матн] / К.Д. Давлатзода // Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳурявии илмию назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 227-233.

29. Давлатзода, К.Д. Интернет воситаи содиршавии кибертаъқиб [Матн] / К.Д. Давлатзода // Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва масъалаи муқовимат ба коррупсия дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия (Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ). – Душанбе, 2023. – С. 189-169.

30. Давлатзода, К.Д. Таҳлили таҷрибаи амалии мақомоти ваколатдори давлатӣ ва ҳамкории байналмилалии онҳо дар самти таъмини амнияти киберӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ. – Душанбе, 2023. – С. 280-289.

31. Давлатзода, К.Д. Асосҳои тафтиши киберҷиноятҳо [Матн]: воситаи таълимӣ / К.Д. Давлатзода. – Душанбе: «Матбааи Донишгоҳи милии Тоҷикистон», 2023. – 150 с. (9,3 ҷ.ч.); – ISBN 978-99985-41-11-5.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Бобоҷонзода И.Ҳ.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Меликов У.А.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Ҳамроев Ш.С.** – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия;

**Раупова М.Т.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан ба масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла, зикр карда шудааст, ки хуб мешуд аз тарафи муаллиф, мафҳуми мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ ва ҳамлаҳои DoS дар автореферат, баён гардида асоснокии аломатҳои субъективии ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд ва онҳо танҳо бо қасди бевосита тавсиф гардидаанд, ҳамзамон баъзе нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшударо фаро мегиранд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** ташаккули вирусҳои компютерӣ сабаби асосии содиршаваии киберҷиноятҳо ва тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ва давлатҳои пасошӯравӣ дар бораи содир кардани киберҷиноятҳо;

– **пешниҳод шудааст:** бо назардошти таҳлили муқоисавии ҳуқуқии танзими қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ва пасошуравӣ, омӯзиши мафҳум, мундариҷа ва хусусиятҳои тафаккури ва таъсири эҳтимолии он ба андешидани чораҳои пешгирии киберҷиноятkорӣ, шахсияти киберҷиноятkорон ва сохтор, лоҳат ва пасту болоравии ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок пешниҳод карда шудааст;

– **исбот шудааст:** киберҷиноятҳо – маҷмуи ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои барномавӣ-техникӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар фазои маҷозӣ бо мақсади ғайриқонунӣ ба даст овардан, тағйир додани иттилоот, несту нобуд ё бекор кардани системаҳо ва захираҳои иттилоотӣ нигаронидашуда, ҷиҳати расонидани зарар ба ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ё муносибатҳои молу мулкӣ равона карда шудаанд;

– **ҷорӣ намудани** моддаҳои нав, (моддаҳои 300 (1) ва 300 (2)) бо мазмуни зайл: **моддаи 300 (1) Ҳамлаи компютерии DoS**

1) Ҳамлаи компютерии DoS, таъсири ҳадафнок ба системаи ё шабакаи компютерӣ бо истифода аз барномаҳои зараровар, ки ба халалдор кардани фаъолияти он нигаронида шуда, дар натиҷа корбаронро аз имкони дастрасӣ ба манбаи электронии дархостшуда маҳрум мекунад.

**Моддаи 300 (2) Ғайриқонунӣ дар шакли оммавӣ паҳн кардани паёмҳои электронӣ**

1) Ба таври оммавӣ ғайриқонунӣ паҳн кардани паёмҳои номатлуб – фиристодани мактубҳои оммавии хусусияти таблиғотии эксремистӣ, террористӣ тавассути шабакаи интернетӣ ё бо роҳи истифодаи алоқаи телефонӣ, факс, радио, телефони мобилӣ, аз ҷумла бо истифода аз воситаҳои интихоб ва (ё) занг задан ба рақами абонентӣ.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии

таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки хулосаҳои назариявиро, ки дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, метавон дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии киберҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои хориҷ истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузорӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва судҳо метавонанд истифода карда шаванд. Ғайр аз ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот ҷиҳати мукаммалгардонии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ истифода бурда шавад. Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар фаъолияти омӯзгорӣ барои таълими фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва криминология, ҳамзамон барои гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва «мизҳои мудаввар»-и илмӣ ва корҳои амалӣ муфид хоҳанд буд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошт**а самаранок ҷанбаҳои консептуалии илмҳои фалсафа, сотсиология, психология, инчунин назарияи фанҳои ҳуқуқӣ (криминология, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ) ва ҳамзамон, дар таҳқиқот усулҳои илмии ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, таҳлилӣ, усулҳои мушаххаси сотсиологӣ, омориву криминологӣ, таърихию ҳуқуқӣ истифода бурданд.

– **баён шудани** мафҳуми мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ, барномаҳои зараррасон ва ҳамлаҳои DOS дар асоси таҳқиқи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи судӣ-тафтишотӣ ва оморӣ намудҳои алоҳидаи киберҷиноятҳо ба гуруҳҳои муайян ҷудо карда шудааст;

– **ошкор гардидани** он, ки инсоният дар ибтидои асри XXI ба таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонии иттилоотӣ дучор омад, таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ аз ҷумлаи вазифаи мубрами давлати муосир ба ҳисоб рафта, таҳдидҳои имрӯзаи иттилоотӣ (ҳамлаҳои киберӣ, воридшавии ғайриқонуни ба системаҳои иттилоотӣ, паҳн намудани барномаҳои зараровар ва вирусҳои компютерӣ) ба амнияти миллии давлат зарари ҷиддӣ мерасонанд. Бо ин мақсад дар доираи Созмони Паймони Аҳдномаи Дастаҷамъӣ «Маркази муқовимат бо киберҷиноятҳо», ҳамчун мақомоти махсусгардонидашуда таъсис дода шуда, ҳадафи таъсиси он ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот оид ба киберҷиноятҳо, гузаронидани арзёбии экспертии таҳдидҳои киберӣ, таҳия ва татбиқи усулҳои пешрафтаи пешгирӣ ва тафтиши киберҷиноятҳо, омоданамоии кадрҳои нав, мусоидат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, баланд бардоштани дараҷаи амнияти фазои иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ дар минтақа ва ҷаҳон, инчунин ҳалли масъалаи ҳамкории шаффофи онҳо дар самти дастгирии ташкилии муқовимат бо киберҷиноятҳо муқаррар карда шавад;

– **омӯхта шуданд:** қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ва пасошӯравӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо, ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ ва муқовимат бо киберҷиноятҳо, аломатҳои объективию субъективии киберҷиноятҳо;

– **аз нав такмил додан:** бо мақсади дар назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ якранг дарк намудани мафҳуми киберҷиноятҳо ҳамчун тарзи содиркунии ҷиноятҳои қасдона, инчунин, ҷиҳати бартараф намудани саҳв ҳангоми бандубасти ҷиноят пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми киберҷиноятҳо дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам карда шуда, барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои давлатӣ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ қабул гарданд. Дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат, ихтисоси «фаъолияти ҳуқуқии муқовимат бо киберҷиноятҳо» ҷорӣ карда шавад. Ҳамзамон, фаъолияти кории шурои технологияи иттилоотию коммуникатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдид карда шуда, дигар шуроҳои дар ин замина ташкилгардида, ҷиҳати ба он интиқол додани вазифаҳои ҳамоҳангсозӣ ва роҳбарии байнисоҳавии субъектони муқовимат бо

киберҷиноятҳо (аз ҷумла, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) муқаррар карда шавад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиққарда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо истифода шаванд, инчунин, дар фаъолияти илмӣ-таълимии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия, дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти амалии шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи экспертизаи судӣ техникаи компютерӣ ва видео-овозшиносии Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода шаванд.

**– муайян карда шуданд**, ки объекти ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) на танҳо амнияти иттилоотӣ, балки ба муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ эътироф мегардад. Қонунгузории ҷиноятии ватанӣ категорияи ҷинояти мазкурро дар боби 28 «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» пешбинӣ намудааст ва бо дарназардошти дигар муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар гирифтани ин боб (кибертерроризм, киберэкстремизм, кибертаъқиб, мактуби фишингӣ ва ғ.) мувофиқи мақсад мебошад, ки фасли нав дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи «Ҷиноятҳо муқобили амнияти киберӣ» ворид карда шавад;

– **коркард карда шуд:** фасли нави «Ҷиноятҳо муқобили амнияти киберӣ» ки ба он бобҳои зеринро бояд шомил намуд: ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (киберҷиноятҳои харобиовар); ҷиноятҳое, ки бо истифодаи шабакаи интернет ва захираҳои электронии иттилоотӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ, мессенҷерҳо ва дигар захираҳо) содир мешаванд; ҷиноятҳое, ки бо истифодаи воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд; ҷиноятҳое, ки ҳаёт ва саломатиро дучори хатар мегузоранд; ҷиноятҳое, ки махфияти иттилоотро вайрон мекунанд, аз ҷумла дастрасии ғайриқонунӣ ба компютерҳо ё системаҳои компютерӣ бидуни расонидани зарар ба иттилоот;

**– муаррифӣ карда шуд:** лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти киберӣ», ки дар он бо мақсади таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ муқаррароти умумӣ оид ба амали қонун, танзими давлатии амнияти киберӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои давлатӣ оид ба таъмини амнияти киберӣ, ҳодисаҳои амнияти киберӣ, объектҳои инфрасохтори муҳимми иттилоотӣ, тақвияти самаранокии таъмини амнияти киберӣ, ҳамкории байналмилалӣ дар самти амнияти киберӣ ва дигар самтҳои муҳимми танзими ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумоти гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** бо назардошти ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва арзишҳои ахлоқию фарҳангӣ моддаи 301 (3) ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мазмуни зерин ироа гардидааст: **моддаи 301 (3). Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот бо истифодаи шабакаи интернет ва ҳама гуна воситаҳои шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ:**

– 1) Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот бо истифодаи шабакаи интернет ва

ҳама гуна воситаҳои шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ, ки боиси халалдор гардидани тартиботи ҷамъиятӣ, арзишҳои ахлоқию фарҳангӣ мегардад. Ҳамзамон, зарур аст, ки вобаста ба таҳия ва қабул гардидани барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои давлатӣ дар ин самт, зиёд тайёр кардани шумораи мутахассисон дар самти амнияти киберӣ, баланд бардоштани малакаи касбӣ ва маҳорати кормандоне, ки дар ин самт фаъолият мекунанд, ҷалби олимони соҳа, мутахассисони собиқадори техникӣ, инчунин ташкили институти такмили ихтисоси самти фаъолияти ҳуқуқии муқовимат бо киберҷиноятҳо чораи махсус андешида шавад;

– **ғоя асоснок шудааст**, ки ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ), моҳияташ дар он ифода мегардад, ки киберҷиноятконон тавассути интернет эълонҳои бардурӯғро ҳамарӯза дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар гардиш қарор дода, бо роҳи фиреб ба боварии шаҳрвандон даромада, ҳуқуқ ба молу мулк, маълумоти шахсӣ, тавассути фиристонидани паёмак, ки гӯё шаҳрванд дар лотерея бурд намудааст ё ин ки дастгирии молиявӣ ва иштирок дар лоиҳаҳои сармоягузории ширактҳои қаллобии хориҷӣ, пешниҳоди кӯмакҳои молиявӣ аз ҷониби сиёсатмадорон ва шахсони саховатманд, мерос мондани маблағ аз кадом як хеши дур, пешниҳод намудани тухфаҳо аз хориҷи кишвар дар намуди «баста» ва монанди инҳоро паҳн намуда, бо роҳи фиреб барои тасарруфи маблағҳои шаҳрвандон ташкил ва роҳандозӣ менамоянд;

– **муайян шудаанд:** аз таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷӣ муайян шудааст, ки сохтори таркибӣ ва мавқеи ҷойгиршавии киберҷиноятҳо дар низоми қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ дар шаклҳои гуногун дида мешавад. Омилҳои асосии ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз амалҳои ҷиноятгорона инҳоянд: дар қонунгузорӣ инъикоси усулҳои аз ҷиҳати технологии нави содир намудани кирдорҳои ғайриқонунӣ бо истифода аз технологияҳои киберӣ ва оқибатҳои эҳтимолии онҳо, махсусан амалҳои ғайриқонунӣ нисбат ба системаҳои киберфизикӣ, ба монанди боздоштани назорат ва иғвоангезии зеҳнӣ, осеб дидани таҷҳизоти тиббӣ бо истифода аз ҳамлаи киберӣ, вайрон кардани системаҳои хизматрасониҳои ҳаётан муҳим; аз ҷумла онҳое, ки тавассути инфрасохтори тақсимшудаи фаромарзӣ сурат мегиранд; аз ҷониби мақомоти дахлдор баррасии масъалаи ворид намудани иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба кирдорҳои ғайриқонунӣ, ки бо истифода аз воситаҳои технологӣ содир шудаанд; дар муқовимат бо киберҷиноятгорӣ ба мафҳуми «далеловариҳои рақамӣ» (digitalevidence), инчунин ҳамоҳангсозии ин ё он равия ва баррасии онҳо дар ҷараёни тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва баррасии онҳо аз ҷониби судҳо ҳамчун далели шайъӣ диққати махсус дода шавад; таваҷҷуҳи асосӣ бояд ба раванди ҷорӣ намудани стратегия ва принсипҳои муқовимати фаъолона бо киберҷиноятгорӣ равона карда шавад, то шароити мусоид ба мубориза чунин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъмин карда шавад;

– **истифода карда шуданд:** маълумотномаи омории расмии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2023, №14/3-1355. Дар асосӣ ин маълумотнома дар маҷмуъ аз соли 2008 то соли 2023 шумораи ҷиноятҳои содиршуда дар соҳаи амнияти киберӣ якбора афзуда, то имрӯз 400 ҷиноятро ташкил медиҳанд. Масалан, сатҳи зиёдшавии киберҷиноятгорӣ нисбат ба соли 2008 метавонад ба таври зерин тасниф карда шавад: афзоиш нисбат ба соли 2008 дар соли 2009 – 50%, 2010 – 66%, 2011 – 30%, дар солҳои 2012-2013 рақамҳо чандон фарқ намекунанд (яъне дар ин солҳо 2 киберҷиноят ба қайд гирифта шудааст), 2014 – 33,3%, 2015 – 85,71%, 2016 – 75%, 2017 – 30,46%, дар солҳои 2018-2019 нишондодҳои ҷиноятгорӣ низ чандон фарқ намекунанд (яъне дар ин солҳо 13 киберҷиноят ба қайд гирифта шудааст), 52% – дар соли 2020, дар соли 2021 ягон ҷиноят ба қайд гирифта нашудааст, 42,5% – соли 2022 ва 49,05% – дар 6 моҳи соли 2023 ташкил медиҳанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда довталаб дар чандин чорабиниҳои илмию амалии сатҳи гуногун баромад намуда, ҷиҳати такмили донишҳои назариявӣ ва баланд бардоштани малакаи касбии кормандони мақомоти прокуратура санаҳои 22-31 августи соли 2022 дар се минтақа бо иштироки 68 прокуророни шаҳру ноҳияҳо ва прокуророни ба онҳо баробаркардашуда дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон дар бораи натиҷаҳои таҳқиқот маълумот дода, хулосаҳои ҳуқуқии зарурӣ ва мушкилоту камбудиҳои ҷойдошта аз рӯйи таҷрибаи тафтишотӣ-судӣ, истифодаи воситаҳои технологияи муосир, масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо, тартиб ва тарзу усули баамалбарории тафтишии ин намуди ҷиноятҳоро пешниҳод намудааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 24 августи соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Давлатзода Комрон Давлат дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор ва 1 нафарашон номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раисикунанда, муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзоев Қ.Х.**

**24-уми августи соли 2024**